## ЗАБОН ВА АДАБИЁТИ ТОҶИК

**1. Дар калимаҳои ишоратшудаи байти зерин ҳарфи -*ӣ* кадом вазифаро иҷро кардааст?**

*Рӯди кӯҳӣ, ту сарой ба ҳавои дили ман,*
*Ҷӯр созӣ нафасатро ба садои дили ман. (М. Турсунзода)*

A) овози таркиби калима
B) пасванди калимасоз
C) бандаки хабарӣ
D) бандаки феълӣ

**2. Услуби баёни матни зеринро муайян намоед:**

*Масъалаи бузургдошти забони модарӣ масъалаи ҳаёту мамоти миллат аст. Забони модариро бузург надошта, чӣ сон метавон зодмандонро бузург дошт? Чӣ сон метавон таърихи миллат ва азизону номдорони варо бузург дошт? Миллате, ки забони модариашро тавоно намесозад, пос намедорад ва азиз намешуморад, маҳкум ба завол ва нестист. (Фотеҳ Абдулло)*

A) бадеӣ
B) илмӣ
C) публисистӣ
D) расмию коргузорӣ

**3. Дар байти зерин ибораи фразеологии *"чашмро об додан"* чӣ маъно дорад?**

*Дамаке аз рухи худ парда барандоз, ки ман*
*Аз рухат об диҳам чашми тамошоиро. (Шамсиддини Шоҳин)*

A) тамошо кардан
B) лаззат бурдан
C) ташнагиро шикастан
D) табобат кардан

**4. Решаи кадоме аз ин калимаҳои ҳаммаъно тоҷикист?**

A) бой
B) доро
C) ғанӣ
D) давлатманд

**5. Дар ин ҷумла калимаҳои *"фаҳманда"* ва *"донанда"* дар кадом замони сифати феълӣ ифода шудаанд?**

*Хайбар саги бисёр ҳушёр буда, дар андак вақт ҳамаи гуфтаҳои моро фаҳманда ва вазифаи асосии худро донанда шуда монд. (С.Айнӣ)*

A) замони гузашта
B) замони ҳозира-оянда
C) замони оянда
D) замони ҳозира

**6. Ба ҷойи сенуқта зарфи мувофиқро интихоб намоед:**

*Пирамард белро сарнагун ба рег хаста монду ... панҷ-шаш қадам рафт. (А.Деҳотӣ)*

A) якзайл
B) якбора
C) қафонокӣ
D) оҳистатар

**7. Сарҷумлаӣро муайян кунед:**

*Дар яке аз ҳамон шабҳои танҳоӣ, ки шамол аз сари шом сар шуда буд, падарам ба замини гандумпоя об сар дод. (С.Айнӣ)*

A) Дар яке аз ҳамон шабҳои танҳоӣ ...;
B) ... падарам ба замини гандумпоя об сар дод.
C) ... ки шамол аз сари шом сар шуда буд ...;
D) Дар яке аз ҳамон шабҳои танҳоӣ, ... падарам ба замини гандумпоя об сар дод.

**8. Навъи ҷумлаи пайравро муайян намоед:**

*Падарам, дар ҳолате ки аз дидори дӯсташ шод буд, ба модарам гуфт. (С. Айнӣ)*

A) Ҷумлаи пайрави сабаб.
B) Ҷумлаи пайрави мақсад.
C) Ҷумлаи пайрави монандӣ.
D) Ҷумлаи пайрави тарзи амал.

**9. Дар байти зерин кадом санъати бадеӣ истифода шудааст?**

*Рӯзгор ошуфтатар, ё зулфи ту, ё кори ман?*
*Зарра камтар, ё даҳонат, ё дили ғамхори ман? (Шопури Нишопурӣ)*

A) киноя B) истиора C) таҷоҳули ориф D) тазод ва муқобала

**10. Аз рӯйи эҷодиёти Анварӣ, Саноӣ ва Носири Хусрав муайян намоед, ки дар адабиёти нимаи дуюми асри XI ва асри XII кадом навъҳои шеър ривоҷ ёфт?**

A) шеъри мадҳу ҳазл, қасидаҳои мадҳия ва ҳолия
B) шеъри ҳамосӣ, қасидаҳои мадҳӣ, ишқиясароӣ
C) шеъри ҳамосӣ, таърихномаҳои манзум, мусаммат
D) шеъри хираду ҳикмат, шеъри ахлоқӣ ва ирфонӣ

**11. Дар ғазали Бедил, ки матлааш «*Ай шамъи базми қудс, надонам чӣ мазҳарӣ*» аст, кадом мавзӯъ баррасӣ шудааст?**

A) яктоӣ ва бузургию ҷалоли Офаридгор
B) мақому мартаба ва ҷоҳу ҷалоли инсон
C) худсӯзии шамъ ва афрӯхтани базми ошиқон
D) равшан шудани ҳафт сайёра аз шамъи офтоб

**12. Вобаста ба сухани зерини Аҳмади Дониш кадом хулоса дуруст аст?**

*"Ва ин фармонфармоён, ки ҳоло мо "ҳазрати амир" ва "ҷаноби вазираш" мехонем, онҳо монанди чорпоянд, балки аз онҳо ҳам гумроҳтаранд."*

A) Зимомдорони вақт пешниҳодҳои Донишро ба назар намегирифтанд.
B) Адибони пешқадам андешаҳои Донишро ҳимоят ва тарғиб менамуданд.
C) Амир ва дигар зимомдорони замон мардумро дар ҷаҳолат нигоҳ медоштанд.
D) Адиб ба муқобили сохтори мавҷуда ва зимомдорон беибо эътироз менамуд.

**13.** **Порчаи зерин аз кадом асари Фотеҳ Ниёзист?**

***“Дар блиндаж Нозир, Мамараҷаб, Дадабой, Степан Шестак ном ҷанговари сибирӣ ва Аркадий Косенко ном ҷанговари украинӣ зич ба ҳамдигар ҷафс менишастанд. Баробари намоён шудани Сафар ҳама аз ҷояшон ҷунбида, илоҷи хеста берун баромаданро меҷустанд.”***

**A)** “Вафо”

**B)** “Димаи диловар”

**C)** “Ҳисса аз қиссаҳои ҷанг”

**D)** “Ҳар беша гумон мабар, ки холист”

**14.** **Мақсади Фазлиддин Муҳаммадиевро аз сухани зерини қаҳрамони асараш – “Одамони кӯҳна” муайян намоед:**

***“Одамҳои боз нағзтар тарбия карданӣ бошед, корам боз пешрав шавад гӯед, ҳама додар бародар барин аз як гиребон сар бардоранд гӯед, арақа манъ кунетон.”***

**A)** Нависанда ақибмонии ҷомеа ва дар тӯю маъракаҳо набудани шодию хурсандиро аз манъи арақ медонад

**B)** Нависанда дар баробари манфиати нӯшокиҳои спиртӣ зарари онро низ таъкид намудааст.

**C)** Нависанда зарари истеъмоли машруботро ба пешрафти ҷамъият таъкид намуда, роҳи мубориза зидди онро пешниҳод кардааст.

**D)** Нависанда зарар ва оқибатҳои бади истеъмоли машруботро дар манъ кардани он мебинад.

**15.** **Қаҳрамони лирикии шеъри “Ало шодоб соҳилҳо”-и Лоиқ Шералӣ аз мушоҳидаҳо ва таҷрибаи зиндагӣ чӣ хулоса баровардааст?**

**A)** Умри одамон ба монанди оби дарёст, ки дар назар истода менамояд, вале тез ҳаракат мекунад.

**B)** Дарёҳо гоҳ камобу гоҳ серобанд, ба монанди ин зиндагӣ низ гоҳ аз ғаму гоҳ аз шодиҳо иборат аст.

**C)** Зиндагӣ яксон нест, аз ин рӯ умрро беҳуда нагузаронида, аз ҳар лаҳзаи он самаранок истифода бояд бурд.

**D)** Ҳар рӯз як саҳифаи китоби умри мо варақгардон мешавад, чунонки оби дарё соҳилҳои шодобро шуста мебарад.

## ЛУҒАТ:

**Ҳаммаънои калимаҳои ишорашуда ё шарҳи онро нависед.**

| р/т | Байт | Ҳаммаънои калима ё шарҳи он |
|---|---|---|
| 1. | Морро ҳарчанд беҳтар парварӣ,<br>Чун яке хашм оварад, **кайфар** барӣ.<br>*(Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ)* | |
| 2. | Он абр бин, ки гиряд чу марди **сӯгвор**<br>В-он раъд бин, ки нолад чун ошиқи каиб.<br>*(Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ)* | |
| 3. | Сари номаро номи ӯ тоҷ гашт,<br>Ба фарраш дили тира **оҷ** гашт.<br>*(Абулқосими Фирдавсӣ)* | |
| 4. | Не сина зи ҳирси зар ба оташ дорем,<br>Не дил зи пайи тамаъ **мушавваш** дорем.<br>*(Амир Хусрави Деҳлавӣ)* | |
| 5. | Лайлӣ **суман**и хазоннадида,<br>Маҷнун чамани хазонрасида<br>*(Низомии Ганҷавӣ)* | |
| 6. | Рутаб н-оварад чӯби **харзаҳра** бор,<br>Чу тухм афканӣ, бар ҳамон чашм дор.<br>*(Саъдии Шерозӣ)* | |
| 7. | Безорам аз дурӯғ гуфтан<br>В-аз гавҳари **бефурӯғ** суфтан.<br>*(Бадриддини Ҳилолӣ)* | |
| 8. | Найи хушки қалам аз файзи баҳори **карам**ат,<br>Барги эъҷоз бароварду самар пайдо кард.<br>*(Абдураҳмони Мушфиқӣ)* | |
| 9. | Маро **дунон** зи хонумон биронданд,<br>Гурӯҳе аз намози хеш **соҳун**.<br>*(Носири Хусрав)* | |